Такриз

ба кори диссертатсионии Ғаюров Лоиқ Шералиевич дар мавзуи "Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити истиқлолияти давлатии Тоҷикистон (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ)

Мавзӯи рисолаи илмӣ дорои аҳамияти бузурги илмӣ буда, дар илми фалсафа, хусусан фалсафаи маориф, ки равияи нисбатан нав ба шумор меравад, хеле муҳим аст. Дар кори диссертационии Ғаюров Л.Ш. таҳлили амиқи интегратсияи маориф ва илм дар шароити истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Муаллифи рисола бо таҳлили иҷтимоӣ-фалсафии масъалаи мазкур нишон медиҳад, ки татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои таъмини фаъолияти муштараки соҳаи маориф ва илм, инчунин роҳандозӣ намудани ҳамкориҳои илмӣ миёни мактабҳои олӣ, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ дар шароити имрӯзаи ҷумҳурии мо хеле муҳим мебошанд.

Бояд гуфт, дар рисолаи илмӣ ҳадафҳо ва вазифаҳои пешбинишуда, навгониҳо, аҳамияти амалӣ ва хулосаҳои пешниҳодшуда ба мазмуни бобҳо ва зербобҳо мувофиқ буда, зимни таҳлилу омӯзиши масъала ба таври васеъ ва фарогир инъикос ёфтаанд.

Рисола дар сатҳи баланди назариявӣ ва фалсафӣ навишта шуда, тадқиқоти мукаммал ва мустақил мебошад.

Бо дарназардошти ҳамаи ин, рисолаи Ғаюров Л.Ш. дар мавзуи "Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити истиқлолияти давлатии Тоҷикистон (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)" дар доираи муқарраароти муайяншуда таълиф шуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа мебошад.

Роҳбари илмӣ,
мудири шуъбаи таҳлили
масъалаҳои иҷтимоии
Маркази таҳқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон, доктори илми философия А.Ш. Қурбонов

Имзои А.Ш. Қурбоновро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Маркази тадқиқоти стратегии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодиева З.Д
05. 06. 2023

ШУЪБАИ КАДРҲО